«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
доктори илмҳои таърих, профессор
Усмонзода А.И. ____________
«30»___апрели___ 2022

## ТАҚРИЗИ

**Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба сифати муассисаи пешбари тақриздиҳанда ба диссертатсияи Сафаров Холмад Хоркашович дар мавзӯи « Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.07- Мардумшиносӣ, этнология ва антропология.**

Рисолаи диссертатсионии Сафаров Холмад Хоркашович дар мавзӯи “Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX” бо қарори Шӯрои дисертатсионии 6D-KOA-005 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои тақриз ба Муассисаи пешбар - кафедраи таърихи Ватан ва археологияи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ирсол гардида, он дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи Ватан ва археологияи факултети таърих ва ҳуқуқи донишгоҳи мазкур мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи рисолаи диссертатсионӣ шахсони зерин иштирок намуданд: Исомитдинов Ҷ.Б., мудири кафедра, н.и.т., дотсент, Набиев В.М., д.и.т., профессор, Турсунов Н.О., д.и.т., профессор, Раҳимов Н.Т., д.и.т., профессор, Ғаффоров У., н.и.т., профессор, Ҷабборов И.Р., н.и.т., дотсент, декани факултет, Файзуллоев М., н.и.т., дотсент, Шарифов Ш., н.и.т., дотсент, Турсунов Б.Р., н.и.т., дотсент, Эркаев С.А., н.и.т., дотсент, Ҷӯраев М.С., н.и.т., муаллими калон, Ғайбуллоева М., н.и.т.,

муаллимаи калон, Абдукаримов Ҷ.А., н.и.т., муаллими калон, Шарипов М., муаллими калон.

Муассисаи пешбари тақриздиҳанда дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби н.и.т., дотсентон Б.Р. Турсунов ва Ж.Б.Исомитдинов, таҳия ва омода гардид, қайд менамояд, ки рисолаи Сафаров Х.Х. ба мавзӯи хеле муҳим ва камтаҳқиқшуда бахшида шуда, дар он масъалаи фарҳанги анъанавии мардуми Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст.

Аз муҳокимаи устодон маълум гардид, ки рисола бо истифода аз манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқону донишмандони соҳаи мардумшиносӣ дар сатҳи зарурӣ таълиф гардидааст ва яке аз муҳимтарин масъала – маданияти мардуми Роғи Бадахшони Афғонистон ва Кӯлоби Тоҷикистонро фаро гирифта, саҳифаи тозаеро дар илми тоҷик боз намудааст.

Диссертатсияи Х.Х.Сафаров бори аввал ба омӯзиши таърих ва фарҳанги минтақаи Роғи Афғонистон дар асри XIX ва ибтидои асри XX бахшида шудааст, ки ин маҳали аҳолинишин бо анъанаҳои бойи худ дар ин минтақа маъруф аст.

Таваҷҷӯҳ ба мавзӯи таърих ва фарҳанг, дар ҷаҳон даҳсолаҳои охир борҳо афзоиш ёфтааст. Ин ба ҷаҳонишавии босуръат, аз байн бурдани ҳувияти фарҳангии байни кишварҳо, бо кӯшишҳои нигаҳдории хусусияти миллӣ вобаста аст. Барои этнологҳо ин мавзӯъ хеле муҳим аст. Зеро дониш дар бораи маданияти моддӣ ва маънавии халқҳо яке аз сарчашмаҳои асосии дарки анъана ва расму оинҳои архаикӣ маҳсуб меёбад. Мардуми минтақаи Роғи Афғонистон анъанаҳои миллиро назар ба дигар ҷойҳо бештар нигоҳ доштаанд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши илмии масъала, мақсад ва ҳадафи омӯзиш, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, чаҳорчӯбаи хронологияи омӯзиш, миқёси ҳудудии таҳқиқот,

навгониҳои илмии рисола, асосҳои назариявии таҳқиқот, муҳимияти мавзӯъ ва асосҳои методологии таҳқиқот таҳлил ёфтааст.

Дар рисола оид ба ин мавзӯъ таърихнигории мукаммал пешниҳод шудааст. Дар таърихшиносии ватанӣ то ин дам масъала ба таври кофӣ таҳия нашудааст. Дар аксари мавридҳо бобҳои алоҳидаи китобҳо, ки ба таърихи Афғонистон бахшида шудаанд ва дар бораи маданияти анъанавии мардуми Роғ маълумот медиҳанд баррасӣ шудаанд. Ба ин муносибат муаллифи диссертатсия дар асоси адабиёти муаррихон, мардумшиносон ва таърихшиносони тоҷикистониву рус оид ба муаммоҳои фарҳанги анъанавии тоҷикон дар мисоли ноҳияи Роғ ва дигар минтақаҳо, ки мардуми Роғ ба он минтақаҳо муҳоҷират намудаанд, бо додани дастурҳои методологӣ оид ба таҳияи чунин мавзӯъҳо масъаларо мавриди омӯзиш қарор додааст.

Муаллиф дар рисола тавонистааст, ки асарҳои муҳаққиқони соҳаи мардумшиносӣ ва дигар соҳаи таърихро давра ба давра аз нуқтаи назари илмӣ тахдил намояд. Дар натиҷаи чунин таҳлилҳо муаллиф ақидаи шахсии хешро низ пешниҳод кардааст.

**Обьекти таҳқиқоти мазкур.** Таърих ва фарҳанги Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад.

**Предмети таҳқиқот.** Муайян намудани таърих ва ҷуғрофия, сохтори маъмурӣ, фарҳанги кишоварзӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат, хӯрокпазӣ, ҷашну маросимҳо ва бозиҳои варзишии дар асри XIX ва ибтидои асри XX ноҳияи Роғ мебошад.

**Ҳудуди замонии таҳқиқот**, асосан, омӯзиши таърих ва фарҳанги ноҳияи Роғро, дар асри XIX ва ибтидои асри XX, дар бар мегирад.

**Нововарии илмии тадқиқот** аз он иборат аст, ки бори аввал омӯзиши махсуси фарҳанги анъанавии мардуми Роғ, ки дар минтақаҳои Бадахшону Кӯлоб зиндагӣ мекунанд бо нишон додани хусусиятҳои шуғли аҳолӣ (хосатан кишоварзӣ, ҳунармандиву тиҷорат), тарзи зисти

мардум, таоми онҳо, ҷашну марсимҳои миллӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Ҳангоми таҳияи мавзӯъ муаллиф дар назди худ вазифаи омӯхтани ҷузъҳои фарҳанги анъанавии Роғ ва дар ин замина пажӯҳиши ҷуғрофиёи таърихии маҳал, таҳлил ва баррасии сохтори маъмурии ноҳияи Роғ, гирдоварии маълумот роҷеъ ба мардумшиносии роғиҳои минтақаи Кӯлоб, хусисиятҳои ғизо (таом)-и сокинони Роғ, анъана ва маросимҳои онҳо, пайгирӣ эволютсияи онҳоро гузоштааст. Номзад тасмим гирифтааст, ки маросими анъанавиии Роғро дар муқоиса бо дигар маҳалҳо баррасӣ кунад, ба муайян кардани дигаргуниҳои асосӣ дар ҳаёти фарҳангии роғиён дар охири асри XIX – ибтидои асри XX даст занад. Дар баробари бо ҳадафҳои гузошташуда сохтори рисола таҳия карда шудааст, ки он усули илмии тадқиқотро инъикос менамояд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** ба мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузошта мутобиқ карда шудаанд. Муаллиф, пеш аз ҳама ба принсипҳои таърихӣ, муносибати объективонаи таҳқиқот такя намуда, раванди омӯзиши таърихи фарҳангии анъанавии мардуми Роғи дар минтақаи Файзободи Бадахшони Афғонистон ва минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлонро бо далелҳо воқеъбинона мавриди таҳлил қарор додааст. Дар натиҷаи таҳлили масъалаҳо вобаста ба вазифа ва хусусияти кори таҳқиқотӣ методҳои гуногун: омӯзиши далелҳо ва маводҳои бойгонӣ, таҳлили таърихӣ - қиёсӣ, таърихӣ - типологӣ, таърихӣ - системавӣ, муқоисавӣ - таърихӣ ва масъалагузорӣ - таҳлилӣ истифода гардиданд.

Аҳамияти амалии муқаррарот ва хулосаҳои асосии рисола имконияти истифода бурдани онхоро ҳамчун сарчашма баҳри эҷоди асарҳо ва дастурҳои таълимӣ роҷеъба маданияти анъанавии тоҷикон фароҳам меоварад. Маводи дар рисола ҷамъоваришуда ва аз лиҳози илмӣ таҳлил гашта имконият медиҳанд,ки минбаъд устодони омӯзишгоҳу коллеҷҳои касбӣ, макотиби олӣ онҳоро дар тайёр кардани

лекцияхо, омода намудани воситаҳои таълимӣ оид ба этнография, оммавӣ намудани унсурҳои расму оин ва анъанаҳои халқӣ ва бо мақсади ғанӣ гардонидани фарҳанги миллӣ истифода баранд.

Мавзӯи фарҳанги анъанавӣ дар шароити кунунии соҳибистиқлолии кишварамон, таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Муҳимияти мавзӯи тадқиқшудаи Сафаров Х.Х. боз бо он муайян гардидааст, ки мавзӯъ ғайр аз аҳамияти илмӣ- назариявиаш, боз аҳамияти муфид барои ҳоҷагии халқро дорад. Омӯзиши таърихи ҳоҷагидорӣ, фарҳанги моддӣ- маънавӣ, вилоятҳои таърихӣ- фарҳангӣ имконият медиҳад, ки таҷрибаи заҳмати бисёрасраи миллиро дар ин самт ҷамъбаст намояд, барои дурнамои нақшавӣ, пешниҳодҳо намояд ва аз ин лиҳоз манфиат, фоидаи хуби илмӣ - амалӣ дорад ва инчунин ба таҷрибаи ҳаррӯзаи халқ истифода бурда мешавад. Бояд қайд намуд,ки унвонҷӯ Сафаров Х.Х. алҳол кӯшиши истифодабарии маводи рисоларо дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик дар донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба роҳ мондааст.

Диссертатсия бо заминаи васеи сарчашмаҳо фарқ мекунад, аз муаллифони қадим (Авасто) оғоз меёбад, луғату фарҳангҳои асримиёнагӣ («Бурҳони қотеъ»,«Ғиёс ул-луғот» ва ғ.), асарҳои муаллифони аримиёнагӣ (Абурайҳони Берунӣ, Унсурмаолии Кайковус, Алишер Навоӣ, Зоҳириддин Муҳаммад Бобур ва дигарон), муаллифони маҳаллии асри XIX –ибтидои асри XX (Файз Муҳаммад Котиб, Бурҳодиддини Кушкакӣ, С. Бадахшӣ, М. Ҳаётхон ва диг.), асарҳои олимони рус (А.О.Миддендорф, В.В. Бартолд, М.С. Андреев, А.А. Половтсев ва диг.) васеъ истифода гаштаанд. То андозае кӯшиш ба харҷ дода шудааст,ки муаллиф маводи саҳроии худ, ки дар давоми сафарҳо ба минтақаи Кӯлоб ҷамъ овардааст мавриди истифода қарор диҳад.

Рисола аз панҷ боб иборат буда, боби якуми он «**Ҷуғрофияи таърихӣ ва сохтори маъмурии Роғ дар асри XIX ва ибтидои асри XX» унвон дошта** ба ҷуғрофиёи таърихии Роғ ва сохтори маъмурии минтақаи омӯзиш дар охири асри XIX –ибтидои иасри XX бахшида шудааст, хусусиятхои ноҳияҳои Роғи Бадахшон ва минтақаи Кӯлоб, мавқеи ҷойгиршавӣ, сохтори идоракунии маъмурӣ, забони сокинон, муҳоҷирати аҳолӣ, шароити табиии ноҳияҳо инъикос шудаанд. Дар боби дуюми рисола «**Кишоварзӣ дар Роғ дар асри XIX – нимаи аввали асри XX**» хусусиятҳо хоҷагии қишлоқи ин минтақа, хосатан вазъи кишоварзиву чорводорӣ, шабакаҳои обёрӣ, категорияҳои заминдорӣ, низоми анъанавии андозситонӣ (хусусан дар давраи ғунучини ҳосил), масъалаҳои вобаста ба омодагӣ ба киштукори зироат, марҳилаҳои парваришӣ зироат, истифодабарии олотҳои меҳнати кишоварзон ва ғ. ҳамаҷониба таҳлил гаштаанд. Муаллиф ба гуногунии шароити ҷуғрофӣ ва таъсири он ба раванди таърихии ташаккули маданияти анъанавӣ эътибор додааст.

Бахши марказии диссертатсия бобҳои сеюм –панҷум, ки «**Ҳунармандӣ ва тиҷорат**», «**Хӯрокҳои анъанавии Роғ**» ва «**Анъана ва маросимҳои миллӣ**» унвон доранд, ки дар ин қисмати асар муаллиф такя ба сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ намуда дар бораи ҳунарҳои мардумии роғиён, ташкил шудани марказҳои ҳунармандӣ дар деҳаҳои алоҳида, хусусиятҳои ҳунарҳои дастӣ дар соҳаҳои бофандагӣ, кашидадӯзӣ, гулдӯзӣ, рағзабофӣ, намадрезӣ, элакбофӣ, сабадбофӣ, қамчинбофӣ, чармгарӣ, собунпазӣ, кулолгарӣ, мисгариву оҳангарӣ, дуредгарӣ (чӯбтарошӣ),чумчатарошӣ, зинтарошӣ ва ғ. маълумот додааст. Дар ин қисмати рисола масоили ба савдо баровардани маҳсулоти истеҳсол намудаи кишоварзону ҳунармандон баррасӣ шудааст. Дар бобати табодули мол дар бозорҳои Роғ ва Файзобод маълумоти ҷолиб пешкаш шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки бахшида ба расму оинҳои мардуми маҳал, тарзи тайёр кардани таом ва хелҳои он, маросимҳои

идона, истироҳату фароғати мардум маводи зарурӣ ҷамъ оварад ва мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

Ҳамин тариқ, Х.Х. Сафаров дар рисола омилҳоеро, ки ба таърих ва фарҳанги анъанавии мардуми минтақаи Роғи Бадахшон ва Кӯлоб таъсир расонидаанд таҳлил намудааст, ин омилҳоро дар хулосаҳои қисми хотимавии диссертатсия инъикос ёфтаанд, нишон дода тавонистааст. Қайд кардан мехостем, ки баҳодиҳии мусбат ба натиҷаҳои тадқиқоти рисола аз виҷдоннокии илмии муаллиф, кордонӣ дар таҳлили маводи саҳроӣ ҳосил шудааст.

Рисолаи Сафаров Х.Х. як таҳқиқоти муваффақ, бaанҷом расида ва дар сатҳи баланди илмӣ таълифшуда ба шумор рафта, муаллифи он ба тамоми мақсаду вазифаҳои дар пеш гузошта ноил гардидааст. Рисола аз оғоз то поён бар равиши таҳқиқиву қиёсӣ, хулосабарории мантиқии илмӣ ва навгӯӣ бунёд ниҳода шудааст. Автореферат ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқ буда, дар он аҳамияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, заминаи методологии таҳқиқот, заминаи назариявии тадқиқот, объект ва мавзӯи таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, муқаррароти асосии диссертатсия, аҳамияти амалии омӯзиш, санҷиши натиҷаҳои тадқиқот, рӯйхати нашрияҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд.

Рисолаи мазкур аз камбудиҳои чузъӣ низ холӣ нест, ки муҳимтарини он инҳоянд:

1. Дар бораи манзил (истиқоматгоҳ) ва сарулибоси анъанавии Роғ маълумоти кофӣ оварда нашудааст.
2. Дар рисола роҷеъ ба анъана ва маросимҳои вобаста ба тавлид ва парвариши тифли навзод, инчунин маросими мотам (азодорӣ)-и мардуми Роғ таҳлилҳои илмӣ нокифоя мебошанд.
3. Маводи саҳроии худи унвонҷӯ доир ба фарҳанги анъанавии Роғ дар рисола хеле кам ба назар мерасанд. Дар феҳристи сарчашма

ва адабиёти истифодашуда овардани рӯйхати респондентҳо (ахборотдиҳандагон) мувофиқи матлаб мебуд.

4. Дар рисола, баъзан такрори матлаб, инчунин баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

Аммо сарфи назар аз мавҷудияти ин гуна камбудиҳои ҷузъӣ, ки аҳамияти илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд, таҳқиқоти мазкур кори пухтаву мукаммал буда, дар рафти ҳалли вазифаҳои дар назди муаллиф гузоштashуда як қатор нуктаҳои назариявие таҳия карда шудааст, ки онҳоро дар маҷмӯъ ҳамчун дастоварди илмии диссертант қаламдод кардан мумкин аст. Мундариҷаи диссертатсия бар асоси меъёру муқаррароти таъин намудаи бандхои 10,11,12,14,16- и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, мувофиқ буда, муаллифи он Сафаров Холмад Хоркашович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.07 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология таърихӣ арзанда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи таърихи Ватан ва археологияи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров санаи “27 апрели соли 2022” (суратҷаласаи №9) баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар чаласа иштирок доштанд: 14 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«ҷонибдор» - 14 нафар;

«муқобил» - нест;

«бетараф» - нест.

Суратҷаласаи № 9 аз 27 апрели соли 2022.

Раисикунанда, мудири кафедраи таърихи
Ватан ва археологияи Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров,
номзади илмҳои таърих, дотсент Исомитдинов Ҷ.Б.

Ташхисгар,
номзади илмҳои таърих, дотсенти
кафедраи таърихи Ватан ва археологияи
Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров Турсунов Б.Р.

Котиби ҷаласа, коргузори кафедраи
таърихи Ватан ва археологияи
Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров Содиқов С.

Имзои мудири кафедра, дотсент Исомитдинов Ҷ.Б., дотсент Турсунов Б.Р ва коргузор Содиқов С.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров" Наврӯзов Э.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
Тел.: 6-52-73; 6-47-39;
Факс: 6-75-18; E-mail: rector@hgu.tj